| | |
|---|---|
| Дар Вазорати адлияи<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>аз соли 202_, № _ « »<br>«ба қайд гирифта шудааст» | Бо қарори Раёсати<br>Бонки миллии Тоҷикистон<br>аз соли 202_, № _<br>«тасдиқ шудааст» |

# Дастурамали №___
# дар бораи захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯйи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд

Дастурамали №___ дар бораи захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯйи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд (минбаъд - Дастурамал) тибқи моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои амонатгузорону пасандоздорон ва дар сатҳи муайян нигоҳ доштани пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ таҳия гардида, тартиби ташкил намудани захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯйи пасандозҳо (амонатҳо) ва уҳдадориҳои ба онҳо монанд (минбаъд - захираҳои ҳатмӣ)-ро, ки дар Бонки миллии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешаванд, муқаррар менамояд.

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Захираҳои ҳатмӣ яке аз фишангҳои асосии татбиқи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, механизми танзими пардохтпазирии умумии низоми бонкиро ифода мекунанд.

2. Дар Дастурамали мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- маблағи захираҳои ҳатмӣ бо пули миллӣ – бақияи ҳадди ақали маблағ дар суратҳисоби муросилотӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон, ки аз ҷониби ташкилоти қарзӣ нигоҳ дошта шуда, андозаи он аз меъёри захираҳои ҳатмӣ ва маблағи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанди ҷалбгардидаи ташкилоти қарзӣ бо пули миллӣ вобастагӣ дорад;
- маблағи захираҳои ҳатмӣ бо асъори хориҷӣ – маблағе, ки дар суратҳисоби дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон аз ҷониби ташкилоти қарзӣ захира карда шуда, андозаи он аз меъёри захираҳои ҳатмӣ ва маблағи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанди ҷалбгардидаи ташкилоти қарзӣ бо асъори хориҷӣ вобастагӣ дорад;
- амонат – маблағ ва сарвати дигари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба ташкилотҳои қарзӣ барои нигаҳдорӣ супурда шудаанд;
- пасандоз – маблағе, ки ҳуқуқи истифодаи муваққатиаш ба ташкилотҳои қарзӣ бо шарти пардохти фоизи муайян вогузор шудааст;
- пойгоҳи захиравӣ – ҳаҷми пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанди ташкилоти қарзӣ мебошад, ки барои ҳисобкунии маблағи захираҳои ҳатмӣ хизмат мерасонад;

- меъёрҳои захираҳои ҳатмӣ – меъёрҳои бо фоиз муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон барои ташкилотҳои қарзӣ ҷиҳати ҳисоб намудани маблағи захираҳои ҳатмӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ мебошад;

- давраи ҳисоботии захираҳои ҳатмӣ – моҳи тақвимӣ, ки аз рӯйи он пойгоҳи захиравӣ барои ташкилоти қарзӣ ҳисоб карда мешавад;

- давраи таъмини захираҳои ҳатмӣ бо пули миллӣ – давраи муайяне (28 ва 35 рӯз), ки дар муддати он иҷрои талаботи захираҳои ҳатмӣ бо пули миллӣ аз ҷониби ташкилоти қарзӣ таъмин карда мешавад.

3. Уҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ барои иҷрои талаботи захираҳои ҳатмӣ аз рӯзи гирифтани иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон барои анҷом додани амалиёти бонкӣ ба вуҷуд меоянд. Дар сурати боздоштани иҷрои баъзе аз амалиётҳои пешбиникардаи иҷозатномаи ташкилоти қарзӣ, уҳдадориҳои мазкур дар давраи ҳисоботӣ қатъ намегарданд.

4. Ташкилоти қарзӣ иҷрои талаботи захираҳои ҳатмӣ бо пули миллиро бо роҳи нигоҳ доштани маблағ дар суратҳисоби муросилотӣ, ки дар Бонки миллии Тоҷикистон кушода шудааст, тибқи тақвими захираҳои ҳатмӣ бо пули миллӣ таъмин менамояд.

5. Тақвими захираҳои ҳатмӣ бо пули миллӣ барои соли оянда ҳамасола то санаи 30 ноябри соли равон тибқи намунаи дар замимаи 1 ба Дастурамали мазкур пешбинишуда аз тарафи Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқ гардида, дар сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон нашр карда мешавад.

6. Ташкилоти қарзӣ захираҳои ҳатмӣ бо асъори хориҷиро бо роҳи интиқоли маблағ ба суратҳисоби дахлдор, ки дар Бонки миллии Тоҷикистон бо ҳамин мақсад кушода шудааст, ташкил медиҳад.

7. Аз рӯйи маблағҳои пулӣ, ки барои иҷро намудани талаботи захираҳои ҳатмӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешаванд, фоиз ҳисоб карда намешавад.

## 2. ТАРТИБИ ТАШКИЛ НАМУДАНИ ЗАХИРАҲОИ ҲАТМӢ

8. Ташкилоти қарзӣ барои муайян намудани маблағи захираҳои ҳатмӣ ҳуҷҷатҳои зеринро дар мӯҳлате, ки барои пешниҳод намудани ҳисобот муқаррар шудааст (ҳангоми рост омадани охирон санаи ҳисоботӣ ба рӯзҳои истироҳатӣ, ҳисобот дар рӯзи аввали кории баъди рӯзҳои истироҳатӣ пешниҳод карда мешавад), ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод менамояд:

- тавозуни тасдиқшуда (ҳаррӯза ва моҳона, тавассути почтаи электронӣ);

- маълумоти ҳаррӯза ва моҳона дар бораи бақияи суратҳисобҳо (дар шакли электронӣ ва низоми электронии муқарраршуда) барои ҳисобкунии маблағи захираҳои ҳатмӣ бо пули миллӣ тибқи замимаи 2 ба Дастурамали мазкур;

- ҳисобот дар бораи иҷрои меъёри захираҳои ҳатмӣ бо пули миллӣ (дар шакли электронӣ ва низоми электронии муқарраршуда) тибқи замимаи 3 ба Дастурамали мазкур;

- тавозуни тасдиқшуда (даҳрӯза ва моҳона, тавассути почтаи электронӣ, ҳисобҳои тавозунӣ бо асъори хориҷӣ);

- маълумоти даҳрӯза ва моҳона  дар бораи бақияи суратҳисобҳо (дар шакли электронӣ ва низоми электронии муқарраршуда) барои ҳисобкунии маблағи захираҳои ҳатмӣ бо асъори хориҷӣ тибқи замимаи 4 ба Дастурамали мазкур;

- ҳисобот дар бораи иҷрои меъёри захираҳои ҳатмӣ бо асъори хориҷӣ (дар шакли электронӣ ва низоми электронии муқарраршуда) тибқи замимаи 5 ба Дастурамали мазкур.

9. Барои муайян намудани маблағи захираҳои ҳатмӣ бо пули миллӣ барои ҳар давраи ҳисоботӣ пойгоҳи захиравӣ ҳисоб карда мешавад, ки ба таркиби он бақияҳои суратҳисобҳои тавозунии 20202, 20204, 20212, 20216, 20220, 20226, 20230, 20802, 20806, 20810, 20814, 20862, 22212, 22216, 26218, 26222, 26226, 26232 дохил карда мешаванд.

10. Уҳдадориҳо аз рӯйи маблағҳои ҷалбгардида тавассути барориши коғазҳои қиматнок бо пули миллӣ ба пойгоҳи захиравӣ дохил карда намешаванд, агар ба шартҳои зерин мувофиқ бошанд:

- муҳлати коғазҳои қиматнок аз санаи барориш то санаи пардохт на кам аз ду солро дар бар гирад;

- пардохти коғази қиматнок наметавонад қисман ё пурра пеш аз санаи пардохт сурат гирад.

11. Маблағи пойгоҳи захиравӣ бо пули миллӣ дар давраи ҳисоботӣ аз рӯйи формулаи қимати миёна ҳисоб карда мешавад:

$$P = \frac{D_1 + D_2 + D_3 + \ldots + D_n}{n}$$

ки дар ин ҷо:

P - андозаи пойгоҳи захиравӣ дар давраи ҳисоботӣ;

$D_1$, $D_2$, $D_3$ ва $D_n$ - андозаи пойгоҳи захиравӣ мувофиқан ба рӯзи якум, дуюм, сеюми давраи ҳисоботӣ ва рӯзи охирини давраи ҳисоботӣ ба шумор меравāнд;

n – шумораи рӯзҳои тақвимии давраи ҳисоботӣ.

12. Ташкилоти қарзӣ маблағи захираҳои ҳатмиро бо пули миллӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Дастурамали мазкур, мувофиқан ба пойгоҳи захиравӣ бо пули миллӣ ташаккул дода, пурра дар суратҳисоби муросилотӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон бо пули миллӣ нигоҳ медорад.

13. Бақияи ҳадди ақали маблағи ташкилоти қарзӣ дар суратҳисоби муросилотӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон бо пули миллӣ ҳамчун маблағи иҷрои талаботи захираҳои ҳатмӣ ҳисобида шуда, қимати миёнаи он дар анҷоми давраи таъмини захираҳои ҳатмӣ бояд ба/аз маблағи захираҳои ҳатмӣ баробар ё калон бошад, яъне:

$$\frac{L_1 + L_2 + L_3 + \ldots + L_n}{n} \geq RR$$

ки дар ин ҷо:

$L_1$, $L_2$, $L_3$, ва $L_n$ – бақия маблағ дар суратҳисоби муросилотӣ дар рӯзи якум, дуюм, сеюм ва рӯзи охирини давраи таъмини захираҳои ҳатмӣ;

n – шумораи рӯзҳои тақвимии давраи захираҳои ҳатмӣ;

RR – маблағи захираҳои ҳатмӣ мебошанд.

14. Барои муайян намудани маблағи захираҳои ҳатмӣ бо асъори хориҷӣ барои ҳар давраи ҳисоботӣ пойгоҳи захиравӣ ҳисоб карда мешавад, ки ба таркиби он бақияҳои суратҳисобҳои тавозунии 20206, 20208, 20214, 20218, 20222, 20228, 20232, 20864, 26228 дохил карда мешаванд.

15. Маблағи пойгоҳи захиравӣ бо асъори хориҷӣ аз рӯйи формулаи миёнаи хронологии зерин ҳисоб карда мешавад:

$$P = \frac{\frac{D_1}{2} + D_2 + D_3 + \frac{D_4}{2}}{3}$$

ки дар ин ҷо:

P - андозаи пойгоҳи захиравӣ дар давраи ҳисоботӣ;

D1, D2, D3 ва D4 - андозаи пойгоҳи захиравӣ мувофиқан ба рӯзи якум, ёздаҳум, бисту якуми моҳи ҳисоботӣ ва рӯзи якуми баъди давраи ҳисоботӣ ба шумор меравад.

16. Ташкилоти қарзӣ маблағи захираҳои ҳатмиро бо асъори хориҷӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Дастурамали мазкур, мувофиқан ба пойгоҳи захиравӣ бо асъори хориҷӣ ташаккул дода, пурра ба суратҳисоби дахлдор дар Бонки миллии Тоҷикистон интиқол медиҳад:

– 20606 - «Захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзии маҳаллӣ аз рӯйи пасандозҳо ва уҳдадориҳои ба онҳо монанд бо асъори хориҷӣ»;

– 22206 - «Захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзии хориҷӣ аз рӯйи пасандозҳо ва уҳдадориҳои ба онҳо монанд бо асъори хориҷӣ».

17. Ташкил намудани маблағи захираҳои ҳатмӣ бо асъори хориҷӣ аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ҳар моҳ, дар рӯзи якуми баъди давраи ҳисоботӣ бо роҳи муқоисаи ҳаҷми маблағи воқеан захирашуда ва маблағе, ки бояд захира карда шавад, амалӣ карда мешавад.

18. Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоботи ташкилоти қарзиро дар бораи иҷрои талаботи захираҳои ҳатмӣ бо асъори хориҷӣ бо андозаи маблағи воқеан захирашуда муқоиса мекунад ва дар сурати мувофиқ будани онҳо талабот иҷрошуда ҳисобида мешавад.

19. Ташкилоти қарзӣ маблағи захираҳои ҳатмӣ бо асъори хориҷиро бо асъорҳои амалиётии доллари ИМА, евро, рубли русӣ, юани Чин ташкил менамояд.

20. Маблағи захираҳои ҳатмӣ аз рӯйи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанди бо асъори хориҷии дар банди 19 Дастурамали мазкур зикрнашуда бо доллари ИМА дар суратҳисоби алоҳида ташкил гардида, баргардонидани ин маблағ низ бо доллари ИМА таъмин карда мешавад. Қурби асъори хориҷӣ нисбат ба доллари ИМА ба санаи охири давраи ҳисоботӣ ба назар гирифта мешавад. Фарқияти (зиёни) эҳтимолӣ вобаста ба тағйир ёфтани қурби асъор ба зиммаи ташкилоти қарзӣ гузошта мешавад.

21. Дар сурати норасоии маблағи захираҳои ҳатмӣ бо асъори хориҷӣ нисбат ба меъёри муқарраршуда, ташкилоти қарзӣ дар давоми ду рӯзи корӣ баъд аз мӯҳлати ниҳоии муқарраргардидаи пешниҳоди ҳисобот маблағи иловагии пулиро пурра ба суратҳисоби дахлдор дар Бонки миллии Тоҷикистон интиқол медиҳад.

22. Дар ҳолати барзиёдии маблағи захираҳои ҳатмӣ бо асъори хориҷӣ нисбат ба меъёри муқарраршуда, Бонки миллии Тоҷикистон дар давоми ҳафт рӯзи корӣ баъд аз муҳлати ниҳоии муқарраргардидаи пешниҳоди ҳисобот маблағи барзиёдро ба суратҳисоби муросилотии ташкилоти қарзӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон бармегардонад:

– 20602 - «Суратҳисоби муросилотии ташкилотҳои қарзии маҳаллӣ бо асъори хориҷӣ»;

– 22202 - «Суратҳисоби муросилотии ташкилотҳои қарзии хориҷӣ бо асъори хориҷӣ».

23. Дар сурати аз тарафи ташкилоти қарзӣ пурра ташкил нагардидани маблағи захираҳои ҳатмӣ бо асъори хориҷӣ, Бонки миллии Тоҷикистон маблағи камомадро аз суратҳисоби муросилотии ташкилоти қарзӣ ё дигар суратҳисобҳои он дар Бонки миллии Тоҷикистон ба танзим медарорад.

24. Ҳангоми дар суратҳисоби муросилотии ташкилоти қарзӣ набудан ё кифоя набудани маблағ, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон фарқияти камомад ва барзиёди маблағи захираҳои ҳатмии ташкилоти қарзӣ байни суратҳисобҳо ба танзим дароварда мешавад. Инчунин ҳангоми набудани суратҳисоби муросилотӣ ё мушкилиҳо вобаста ба интиқол ва танзими маблағи захираҳои ҳатмӣ, тибқи дархости ташкилоти қарзӣ бо пулли миллӣ ё дигар асъори хориҷӣ баргардонида мешавад.

## 3. НАЗОРАТИ ИҶРО НАМУДАНИ ТАЛАБОТИ ЗАХИРАҲОИ ҲАТМӢ

25. Санҷиши ташкили дурусти маблағи захираҳои ҳатмӣ аз ҷониби воҳиди сохтории дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон мутобиқи Дастурамали мазкур амалӣ карда мешавад.

26. Дар сурати аз ҷониби ташкилоти қарзӣ иҷро нагардидани талаботҳои зерин оид ба меъёрҳои захираҳои ҳатмӣ Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад нисбат ба ташкилоти қарзӣ чораҳои фаврииислоҳӣ ва таъсиррасонии дар моддаи 48 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» пешбинишударо татбиқ намояд:

- саривақт пешниҳод накардан ё носаҳеҳу нопурра пешниҳод кардани ҳисобот;

- нодуруст нигоҳ доштани бақияи маблағ дар суратҳисоби муросилотӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон бо пули миллӣ дар охири давраи таъмини захираҳои ҳатмӣ;

- саривақт нагузаронидани маблағи захираҳои ҳатмӣ бо асъори хориҷӣ ба суратҳисоби дахлдор.

## 4. ИҶРОИ ТАЛАБОТИ ЗАХИРАҲОИ ҲАТМӢ ҲАНГОМИ ҚАТЪИ ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТИ ҚАРЗӢ

27. Ҳангоми бозхонди иҷозатномаи ташкилоти қарзӣ барои иҷрои амалиёти бонкӣ, маблағи захираҳои ҳатмии дар Бонки миллии Тоҷикистон буда барои иҷрои уҳдадориҳои ҳамин ташкилоти қарзӣ истифода мешавад.

## 5. ТАРТИБИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБИИ ЗАХИРАҲОИ ҲАТМӢ БО АСЪОРИ ХОРИҶӢ

28. Маблағҳои захираҳои ҳатмӣ бо асъори хориҷӣ дар ҳисобҳои тавозунии Бонки миллии Тоҷикистон мутобиқи банди 16 Дастурамали мазкур ба ҳисоб гирифта мешаванд.

29. Баҳисобгирии муҳосибии (амалиётии) ташкил намудани захираҳои ҳатмӣ бо асъори хориҷӣ ба таври зерин анҷом дода мешавад:

1) ҳангоми интиқоли маблағи захираҳои ҳатмӣ бо асъори хориҷӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон:

– дар ташкилоти қарзӣ, ҳангоми ташкил намудани захираҳои ҳатмӣ бо асъори хориҷӣ:

| № | Номи суратҳисоб | Дебет | Кредит |
|---|---|---|---|
| 10311 | Захираҳои ҳатмӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон - асъори хориҷӣ | X | |
| 10305 | Суратҳисоби муросилотӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон - асъори хориҷӣ | | X |

– дар Бонки миллии Тоҷикистон, ҳангоми ташкил намудани захираҳои ҳатмӣ бо асъори хориҷӣ:

| № | Номи суратҳисоб | Дебет | Кредит |
|---|---|---|---|
| 20602<br><br>22202 | Суратҳисоби муросилотии ташкилотҳои қарзии маҳаллӣ бо асъори хориҷӣ<br><br>Суратҳисоби муросилотии ташкилотҳои қарзии хориҷӣ бо асъори хориҷӣ | X<br><br>X | |
| 20606<br><br>22206 | Захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзии маҳаллӣ аз рӯйи пасандозҳо ва уҳдадориҳои ба онҳо монанд бо асъори хориҷӣ<br><br>Захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзии хориҷӣ аз рӯйи пасандозҳо ва уҳдадориҳои ба онҳо монанд бо асъори хориҷӣ | | X<br><br>X |

2) ҳангоми ба ташкилоти қарзӣ баргардонидани маблағи барзиёди захираҳои ҳатмӣ бо асъори хориҷӣ:

– дар Бонки миллии Тоҷикистон, ҳангоми баргардонидани маблағи захираҳои ҳатмии бо асъори хориҷӣ ташкилгардида:

| № | Номи суратҳисоб | Дебет | Кредит |
|---|---|---|---|
| 20606<br><br>22206 | Захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзии маҳаллӣ аз рӯйи пасандозҳо ва уҳдадориҳои ба онҳо монанд бо асъори хориҷӣ<br><br>Захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзии хориҷӣ аз рӯйи пасандозҳо ва уҳдадориҳои ба онҳо монанд бо асъори хориҷӣ | X<br><br>X | |
| 20602<br><br>22202 | Суратҳисоби муросилотии ташкилотҳои қарзии маҳаллӣ бо асъори хориҷӣ<br><br>Суратҳисоби муросилотии ташкилотҳои қарзии хориҷӣ бо асъори хориҷӣ | | X<br><br>X |

– дар ташкилоти қарзӣ, ҳангоми баргардонидани маблағи захираҳои ҳатмии бо асъори хориҷӣ ташкилгардида:

| № | Номи суратҳисоб | Дебет | Кредит |
|---|---|---|---|
| 10305 | Суратҳисоби муросилотӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон - асъори хориҷӣ | X | |
| 10311 | Захираҳои ҳатмӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон - асъори хориҷӣ | | X |

Замимаи № 1
ба Дастурамали №
дар бораи захираҳои ҳатмии
ташкилотҳои қарзӣ аз рӯйи пасандозҳо
ва ухдадориҳои дигари ба онҳо монанд

Намуна

## Тақвими захираҳои ҳатмӣ барои соли 20__

| **№** | **Давраи (моҳи) ҳисоботӣ** | | **Давраи таъмин** | | **Давомнокии давраи таъмин (рӯз)** |
|---|---|---|---|---|---|
| | **Оғоз** | **Анҷом** | **Оғоз** | **Анҷом** | |
| **20__ - 1** | **01.11.20__** | **30.11.20__** | **10.01.20__** | **13.02.20__** | **35** |
| **20__ - 2** | **01.12.20__** | **31.12.20__** | **14.02.20__** | **12.03.20__** | **28** |
| **20__ - 3** | **01.01.20__** | **31.01.20__** | **13.03.20__** | **09.04.20__** | **28** |
| **20__ - 4** | **01.02.20__** | **29.02.20__** | **10.04.20__** | **14.05.20__** | **35** |
| **20__ - 5** | **01.03.20__** | **31.03.20__** | **15.05.20__** | **11.06.20__** | **28** |
| **20__ - 6** | **01.04.20__** | **30.04.20__** | **12.06.20__** | **09.07.20__** | **28** |
| **20__ - 7** | **01.05.20__** | **31.05.20__** | **10.07.20__** | **13.08.20__** | **35** |
| **20__ - 8** | **01.06.20__** | **30.06.20__** | **14.08.20__** | **10.09.20__** | **28** |
| **20__ - 9** | **01.07.20__** | **31.07.20__** | **11.09.20__** | **08.10.20__** | **28** |
| **20__ - 10** | **01.08.20__** | **31.08.20__** | **09.10.20__** | **12.11.20__** | **35** |
| **20__ - 11** | **01.09.20__** | **30.09.20__** | **13.11.20__** | **10.12.20__** | **28** |
| **20__ - 12** | **01.10.20__** | **31.10.20__** | **11.12.20__** | **07.01.20__** | **28** |

Замимаи №2
ба Дастурамали №
дар бораи захираҳои ҳатмии
ташкилотҳои қарзӣ аз рӯйи пасандозҳо
ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд

Маълумоти
моҳона дар бораи бақияи суратҳисобҳо барои ҳисобкунии
маблағи захираҳои ҳатмӣ бо пули миллӣ
ба санаи «____» _____________ __ с. 20__

(сомонӣ)

| № | Рақами суратҳисоби тавозунӣ | Бақияи суратҳисоб, ҳаррӯза | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 01 | 02 | 03 | санаи охир |
| | 1. Суратҳисобҳо бо пули миллӣ | | | | |
| 1 | 20202 | | | | |
| 2 | 20204 | | | | |
| 3 | 20212 | | | | |
| 4 | 20216 | | | | |
| 5 | 20220 | | | | |
| 6 | 20226 | | | | |
| 7 | 20230 | | | | |
| 8 | 20802 | | | | |
| 9 | 20806 | | | | |
| 10 | 20810 | | | | |
| 11 | 20814 | | | | |
| 12 | 20862 | | | | |
| 13 | 22212 | | | | |
| 14 | 22216 | | | | |
| 15 | 26218 | | | | |
| 16 | 26222 | | | | |
| 17 | 26226 | | | | |
| 18 | 26232 | | | | |
| X | Ҳамагӣ | | | | |
| | Арзиши миёнаи хронологии пойгоҳи захиравӣ дар давраи ҳисоботӣ | | | | |

Роҳбари ташкилоти қарзӣ _________ ________________
(имзо) (ному насаб)

Сармуҳосиби ташкилоти қарзӣ _________ ________________
(имзо) (ному насаб)

Ҷ. М.

Замимаи №3
ба Дастурамали №
дар бораи захираҳои ҳатмии
ташкилотҳои қарзӣ аз рӯйи пасандозҳо
ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд

______________________________
(номи ташкилоти қарзӣ)

Ҳисобот
дар бораи иҷрои талаботи захираҳои ҳатмӣ бо пули миллӣ
ба санаи «____» ______________с. 20__

(сомонӣ)

| № | Номгӯй | Пойгоҳи захиравӣ | Меъёри захираҳои ҳатмӣ | Маблағи захираҳои ҳатмӣ | Бақияи миёнаи суратҳисоби муросилотӣ дар БМТ бо пули миллӣ | Иҷроиш (-) нодуруст (+) дуруст |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд бо пули миллӣ | | | | | |
| X | Ҳамагӣ | | | | | |

Роҳбари ташкилоти қарзӣ _________ ________________
(имзо) (ному насаб)

Сармуҳосиби ташкилоти қарзӣ _________ ________________
(имзо) (ному насаб)

Ҷ. М.

«_____»_________________ с. 20__

Замимаи №4 ба Дастурамали №
дар бораи захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ
аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд

**МАЪЛУМОТ**

**даҳрӯза дар бораи бақияи суратҳисобҳо барои ҳисобкунии захираҳои ҳатмӣ**

**дар "01" ________ соли 20___**

| **№** | **Рақами суратҳисобҳо тавозунӣ** | | **Бақияи суратҳисоб дар ҳар даҳрӯза** | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Рақами суратҳисобҳо тавозунӣ** | | **01 бо пули миллӣ** | **01 бо асъори хориҷӣ** | **11 бо пули миллӣ** | **11 бо асъори воқеӣ** | **21 бо пули миллӣ** | **21 бо асъори воқеӣ** | **01 бо пули миллӣ** | **01 бо асъори воқеӣ** |
| | **2. Суратҳисобҳо бо асъори хориҷӣ (рубли Русия)** | | | | | | | | |
| 1 | 20206 | | | | | | | | |
| 2 | 20208 | | | | | | | | |
| 3 | 20214 | | | | | | | | |
| 4 | 20218 | | | | | | | | |
| 5 | 20222 | | | | | | | | |
| 6 | 20228 | | | | | | | | |
| 7 | 20232 | | | | | | | | |
| 8 | 20864 | | | | | | | | |
| 9 | 26228 | | | | | | | | |
| **Ҳамагӣ:** | | | | | | | | | |
| **Арзиши миёнаи хронологии пойгоҳи захиравӣ дар моҳи ҳисоботӣ** | | | | | | | | | |

| **Рақами суратҳисобҳо тавозунӣ** | | **01 бо пули миллӣ** | **01 бо асъори хориҷӣ** | **11 бо пули миллӣ** | **11 бо асъори воқеӣ** | **21 бо пули миллӣ** | **21 бо асъори воқеӣ** | **01 бо пули миллӣ** | **01 бо асъори воқеӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **3. Суратҳисобҳо бо асъори хориҷӣ (доллари ИМА)** | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 20206 | | | | | | | | |
| 2 | 20208 | | | | | | | | |
| 3 | 20214 | | | | | | | | |
| 4 | 20218 | | | | | | | | |
| 5 | 20222 | | | | | | | | |
| 6 | 20228 | | | | | | | | |
| 7 | 20232 | | | | | | | | |
| 8 | 20864 | | | | | | | | |
| 9 | 26228 | | | | | | | | |
| **Ҳамагӣ:** | | | | | | | | | |
| **Арзиши миёнаи хронологии пойгоҳи захиравӣ дар моҳи ҳисоботӣ** | | | | | | | | | |

| **Рақами суратҳисобҳо тавозунӣ** | | **01 бо пули миллӣ** | **01 бо асъори хориҷӣ** | **11 бо пули миллӣ** | **11 бо асъори воқеӣ** | **21 бо пули миллӣ** | **21 бо асъори воқеӣ** | **01 бо пули миллӣ** | **01 бо асъори воқеӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **4. Суратҳисобҳо бо асъори хориҷӣ (евро)** | | | | | | | | |
| 1 | 20206 | | | | | | | | |
| 2 | 20208 | | | | | | | | |
| 3 | 20214 | | | | | | | | |
| 4 | 20218 | | | | | | | | |
| 5 | 20222 | | | | | | | | |
| 6 | 20228 | | | | | | | | |
| 7 | 20232 | | | | | | | | |
| 8 | 20864 | | | | | | | | |
| 9 | 26228 | | | | | | | | |
| **Ҳамагӣ:** | | | - | | - | - | | | - |
| **Арзиши миёнаи хронологии пойгоҳи захиравӣ дар моҳи ҳисоботӣ** | | | | | | | | | |

| | | |
|---|---|---|
| ***ҲАМАГӢ: (Арзиши миёнаи хронологии пойгоҳи захиравӣ дар моҳи ҳисоботӣ)*** | | |

Роҳбари ташкилоти қарзӣ (имзо) (ному насаб)

Сармуҳосиби ташкилоти қарзӣ (имзо) (ному насаб)

**Ҷ. М.**

Замимаи №5 ба Дастурамали №
дар бораи захираҳои ҳатмии
ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи пасандозҳо ва
уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд

______________________________
(Номи ташкилоти қарзӣ)

**ҲИСОБОТ**
**дар бораи иҷрои меъёрҳои захираҳои ҳатмӣ**
**ба ҳолати "01" __________ соли 20___**

| № | Номгӯй | Пойгоҳи захиравӣ бо пули миллӣ | Пойгоҳи захиравӣ бо асъори воқеӣ | Меъёрҳои захираҳои ҳатмӣ | Захираҳои ҳатмии зарурӣ бо пули миллӣ | Захираҳои ҳатмии зарурӣ бо асъори воқеӣ | Захираҳои ҳатмии зарурӣ бо доллари ИМА | Бақияи воқеии захираҳои ҳатмӣ | | Тафовут (-) камомад (+) изофа бо пули миллӣ | Тафовут (-) камомад (+) изофа бо асъори воқеӣ | Қурби асъор ба охири давра | Ҳамарзиш бо доллари ИМА |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | Бо пули миллӣ | Бо асъори воқеӣ | | | | |
| 1 | Пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд бо асъори хориҷӣ (рубли русӣ) | | | % | | - | | | | | - | | |
| 2 | Пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд бо асъори хориҷӣ (доллари ИМА) | | - | % | | - | | | | | - | | |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 3 | Пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд бо асъори хориҷӣ (евро) | | - | % | | - | | | | | - | | |
| 4 | Пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд бо асъори хориҷӣ (юани Чин) | | - | % | | - | | | | | - | | |
| 5 | Пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд бо асъори хориҷӣ (фунт стерлинги Инглистон) | | | | | | | | | | | | |
| 6 | Пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд бо асъори хориҷӣ (франки Швейтсария) | | | | | | | | | | | | |
| 7 | Пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд бо асъори хориҷӣ (сӯми Ӯзбекистон) | | | | | | | | | | | | |
| 8 | Пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд бо асъори хориҷӣ | | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | (...) | | | | | | | | | | | | |
| **Ҳамагӣ:** | | | - | - | | - | | - | - | | - | | |

| | | |
|---|---|---|
| Роҳбари ташкилоти қарзӣ | (имзо) | (ному насаб) |
| Сармуҳосиби ташкилоти қарзӣ | (имзо) | (ному насаб) |

**Ҷ. М.**

"___" ____________ с. 20___